**Суратмаҷлиси №6**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30 июни соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №23/шд тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи **Миралиева Сарварбӣ Толибовна** дар мавзуи **«Лирики иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул, аъзои комиссияи экспертӣ Кӯчарзода А. ва Низомӣ М.З. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирики иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Худойдодов Аъзам Овлододович –** доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Аҳмадов Сафармад Гадомадович –** номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 22.09.2022, соати 15:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.